Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
(734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Мавзуи тадқиқотии интихобнамудаи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар масъалаҳои баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ маънидод карда шудааст. Таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар раванди идоракунии фаъолияти субъектони хоҷагидор, махсусан, бонкҳои тиҷоратӣ ва ҳамкории давлат бо низоми бонкӣ бе татбиқсозии принсипҳои иқтисоди рақамӣ, дар шароити муосир ғайриимкон аст.

Бо дарки ин, ҳукумати бисёр мамлакатҳо, аз ҷумла Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тақвият бахшидан ба рушди низоми бонкӣ, махсусан бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ ва барои расидан ба рушди устувори иқтисоди рақамӣ заминаҳои асосии онро ташкилу таъмин намуда, ҳамзамон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таҳия ва тасдиқ намудаанд.

Рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи ҳар як мамлакат танҳо ба воситаи бонкҳо амалӣ мегардад. Инкишофи хоҷагии халқ рушди соҳаи бонкдориро тақозо менамояд. Дигаргуниҳои куллие, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ба амал омад, ба ташаккул ва рушди низоми бонкӣ таъсири ҷиддӣ расонданд.

Бонкҳои тиҷоратӣ қисми асоситарини низоми бонкӣ ба ҳисоб рафта, дараҷаи ташаккулёбии онҳо ба рушди ҷомеа, дархост ва талаботи аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ, имконоти меҳнатӣ ва молии субъектҳои иқтисодиёт вобаста мебошад. Баланд шудани сатҳи иқтисодиёти мамлакат ба афзоиши талабот ба хизматҳои бонкӣ ва баръакс, сатҳи пасти зиндагии қисми асосии аҳолии мамлакат ба кам шудани талабот ба хизматрасониҳои бонкӣ оварда мерасонад. Бинобар ин, бо мақсади ташаккулёбии самараноки бозори хизматрасонии бонкӣ зарур аст дар мамлакат қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мувофиқ ба талаботи муосир такмил дода шаванд.

Аз матни автореферати диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович маълум мегардад, ки кори диссертатсионӣ хусусиятҳои муҳими илмию таҳқиқотӣ, инчунин, дар амалия татбиқшаванда дошта, мустақилона иҷро

Сканировано с CamScanner

карда шудааст. Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ, муаллиф омилҳои таъсиррасонандаро ба рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ баррасӣ намуда, роҳҳои муҳимми баландбардории рақобатпазирии онҳоро дар бозори молиявӣ пешниҳод намудааст. Муаллиф дар саҳифаи 14-уми автореферат дуруст ва ҷолиб қайд намудааст, ки хизматрасониҳои сатҳи баланди бонкӣ ва анҷом додани он бо нархи дастрас ҳавасмандии мизоҷонро зиёд намуда, ҳамзамон сатҳи рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ баланд бардошта мешавад. Яъне, яке аз омилҳои баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ ин пешниҳоди хизматрасониҳои беҳтарини бонкӣ ва ҷалби зиёди мизоҷон маҳсуб мeёбад. Ин таҳлили моҳиятноки шароити мавҷуда, таҳияи стратегияҳои дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии низоми бонкиро тақозо мекунад.

Инчунин, муаллиф дар асоси омӯзиш ва таҳлили пурмазмуни фаъолияти якчанд бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзиро дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ пешниҳод ва асоснок намуда, саҳми онҳоро дар рушди иқтисодиёт маълум намудааст (саҳ.21-30).

Нашри мақолаҳои илмии даврии муаллиф паҳлуҳои мухталифи масъалаҳои ташкилию иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратиро дар шароити иқтисодиёти рақамӣ дар бар мегирад ва муаллиф дар ин масъала 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 8 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои ватанӣ ба нашр расонидааст. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Илова бар ин, натиҷаҳои кори илмии Шарипов Некрӯз Гадомадович ва ҷабҳаҳои гуногуни назариявию амалии он дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯза ва нашр гардидааст.

Ба сифати эрод бояд қайд намуд, ки дар тадқиқоти анҷомдодашуда дар миқдори кам аз маводи олимони ватанӣ истифода бурда шудаанд. Илова бар ин, амсилаи амнияти иқтисодии бонки тиҷоратӣ дар шароити муосир пешниҳод гардидааст, вале хуб мешуд агар ҳар як банди он дар алоҳидагӣ шарҳ дода мешуд.

Эродҳои қайдкардашуда хусусияти паст намудани арзиши илмии тадқиқоти диссертатсионии мазкурро надошта, ба натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф таъсири манфӣ намерасонанд.

Сканировано с CamScanner

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ) ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

**Муқарриз:**

Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
муовини директор оид ба илм, таълим
ва тайёр кардани кадрҳои илмии
Институти иқтисод ва таҳқиқи
системавии рушди кишоварзии
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Одиназода Ш. Т.

*Имзои д. и. и., дотсент Одиназода Ш. Т.-ро тасдиқ мекунам:*

Сармутахасси кадрҳои Институти
иқтисодиёт ва таҳқиқи рушди
системавии кишоварзии АИКТ Икромова М. Қ.

Суроға: 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Ҳаёти -Нав 306 Tel. / Fax.:(992-372) 36-37-67 fax: 236-37-67 web-сайт: www. iik. tj E-mail: iesh. tashn@mail.ru

Сканировано с CamScanner